*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №10 (2837) | СЕШАНБЕ, 24 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
| --- | --- | --- | --- | --- |



## Тағйироти кадрӣ дар сохторҳои прокуратура ва Гвардияи миллии Тоҷикистон

**21 январи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои воломақом дар сохторҳои прокуратура ва Гвардияи миллии Тоҷикистон пешниҳодшударо барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Баъди сӯҳбат ва мувофиқат бо Сарвари давлат роҳбарони як қатор сохторҳои мақомоти номбаршуда иваз карда шуданд.

Ҳамин тариқ, прокурори вилояти Суғд аз вазифа озод ва ба ҷойи ӯ Шариф Қурбонов таъин карда шуд.

Ҳотам Назаров прокурори нақлиёти Тоҷикистон ва Дороб Асоев муовини прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин гардиданд.

Ҳамчунин прокурорҳои ноҳияҳои Шуғнон, Мастчоҳ, Файзобод ва прокурори ҳарбии Гарнизони Хоруғ иваз карда шуданд.

Ба прокурори шаҳри Душанбе барои бартараф намудани камбудиҳои ҷиддӣ дар пойтахт, аз ҷумла ғасби ғайриқонунии қитъаҳои замин, муборизаи нокофӣ бо гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва нашъамандӣ, ҷиноятҳои миёни наврасону ҷавонон ва фурӯши аттестатҳои қалбакии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар маҷлиси солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд, шаш моҳ мӯҳлат дода шуд.

Дар Гвардияи миллии Тоҷикистон Ҳабибулло Сафаров муовини якуми сардори Сарситоди ин сохтори низомӣ ва 7 нафари дигар ба вазифаҳои роҳбарии чанд раёсату шӯъба ва қисмҳои низомӣ таъин карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи онҳо хатмкардагони мактабҳои олии ҳарбии кишварҳои гуногуни мутараққӣ буда, дорои сатҳи баланди касбӣ ва кордонӣ мебошанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН зимни сӯҳбат кадрҳои ба вазифаҳои нав таъиншударо ба кору хизмати содиқонаю софдилона ба халқу Ватан, иҷрои бомасъулияти ӯҳдадориҳои хизматӣ, муборизаи беамон бо ҷинояту ҷинояткорӣ, хусусан бо ҷиноятҳои созмонёфта ва хислати коррупсионидошта, тарбияи босифати кадрҳои ҷавон, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ифтихору сарфарозӣ аз давлату давлатдории миллӣ дар миёни ҳайати шахсӣ ҳидоят намуд.

*www.prezident.tj*





Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**23 январи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро қарор қабул кард. Сипас, мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯйии энергия ва самарабахшии энергия», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон»-ро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод карда, шарҳ дод.

Аз рӯйи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд, ки мутобиқи муқаррароти онҳо масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ супорида шуданд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О.Салимзода масъалаи навбатии рӯзнома- «Дар бораи лоиҳаи Қоидаҳои Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо»-ро ҷиҳати баррасӣ манзур намуда, моҳият ва аҳамияти ҳуҷҷати мазкурро шарҳ ва ба пурсишҳои аъзои Шӯро посух дод. Доир ба масъалаи мазкур қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ интихоб намудани Хонов А.У.» ва «Оид ба ҷамъбасти кор бо мурожиатҳои шаҳрвандон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011» изҳори назар намуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои баёнгардида, аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳо қабул кард. Тибқи муқаррароти қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зерин - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ интихоб намудани Хонов А.У.» ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Ҳамкориҳои байнипарламентӣ тақвият меёбанд

**Раиси фраксияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон ва раиси Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо парлумони Кореяи Ҷанубӣ Махфират Хидирова 20 январи соли 2012 кордори Сафорати Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ён Ҷон Гу ва ҳайати ҳамроҳонашро ба ҳузур пазируфт.**

Тавре котиби матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов хабар дод, дар мулоқот масъалаи тақвияти ҳамкориҳои байнипарлумонии миёни Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифт.

Махфират Хидирова дар бораи нақши парламентҳои ду кишвар дар ривоҷу равнақи муносиботи гуногунсоҳаи Тоҷикистон ва Корея ибрози назар намуда, таъкид кард, ки таъсиси гурӯҳҳои дӯстӣ дар парламентҳои ҷумҳуриҳои мо шароит ва фазои мусоидро барои тақвияти ҳар чӣ бештари равобити кишварҳоямон дар тамоми соҳаҳо фароҳам хоҳад овард.

- Густариши муносибатҳои мо самараи таъсиси гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ мебошад,- таъкид дошт Махфират Хидирова ва афзуд, ки парламентҳои ҳар ду кишвар бояд аз тамоми имконоте, ки барои таҳкими ҳамкориҳо мавҷуданд, самарбахш истифода кунанд. Барои ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоиди ҳуқуқӣ мавҷуд аст.

Дар мулоқот таъкид шуд, ки сафарҳои намояндагони парлумонҳои ҳар ду кишвар ба мамлакатҳои якдигар барои рушди муносиботи байнипарлумонӣ заминаи устувор фароҳам хоҳад овард. Сафари ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ пойдевори мустаҳкаме дар раванди ҳамкориҳои ду кишвари дӯст бунёд гузошт ва мо умедвор ҳастем, ки ин муносибот минбаъд низ густариш хоҳад ёфт.

Кордори Сафорати Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ён Ҷон Гу низ аз сатҳи ҳамкориҳои кишвараш бо мамлакати мо ибрози қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон ба зарурати тақвияти ин муносибот дар тамоми соҳаҳо таъкид намуд.

Мавсуф изҳор дошт, ки ҳар ду кишвар метавонанд дар заминаҳои гуногун, бахусус иқтисоду тиҷорат, кишоварзӣ, илму маориф, ҳамкориҳои худро боз ҳам тақвият бахшанд.

Дипломати кореягӣ таъкид кард, ки соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Корея интихоботи парлумонӣ ва интихоботи президентӣ баргузор мегардад ва мо умедвор ҳастем, ки ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Корея пас аз интихоботи парлумонӣ ва ба фаъолият шурӯъ кардани даъвати нави парлумон боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

Дар мулоқот ҳамчунин вакилони Маҷлиси намояндагон Рустам Латипов, Баракатулло Атохоҷа ва Шарофиддин Сироҷов иштирок ва андешаҳои худро роҷеъ ба тақвияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни ду кишвар иброз доштанд.

## Мандат ва ваколати вакили нав тасдиқ гардид

**19 январи соли 2012 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси комиссия Шермуҳаммад Шоҳиён ҷаласа баргузор шуд. Дар ҷаласа масъалаи додани мандати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ба ивази вакили хориҷшуда, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколати ӯ баррасӣ гардид.**

Раисикунанда зикр намуд, ки тибқи талаботи моддаи 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сурати пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакиле, ки дар натиҷаи тақсимоти мандатҳои вакилӣ дар байни ҳизбҳои сиёсӣ интихоб шудааст, мандати вай бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номзаде, ки баъд аз интихобшудагон дар рӯйхати дахлдор қарор дорад, дода мешавад.

Азбаски вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳаёт Одинаев бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи дигар таъин шудааст, мандати вакилӣ аз рӯйи рӯйхати дахлдори Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хонов Абдураҳмон Умарович дода шуда, мавсуф ҳамчун вакил ба қайд гирифта, ваколаташ тасдиқ гардид.

Ҳамчунин як ҳайати намояндагӣ иборат аз 26 нафар аъзои Комиссиюни мустақили интихоботи Афғонистон ва ҷомеаи мадании ин кишвари дӯст, ки ҷиҳати иштирок дар семинари тахассусӣ дар мавзӯи «Афғонистон ва раванди барқарорсозии демократия» ба шаҳри Душанбе омадаанд, бо фаъолияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошно гардиданд. Ҳайати меҳмононро раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён ба ҳузур пазируфта, аз рушди ҳамаҷонибаи робитаҳои дӯстонаи Тоҷикистону Афғонистон, ки натиҷаи кӯшишҳои самарабахши сарони ҳар ду давлат дар самти ҳамгироист, изҳори хушнудӣ намуд.

Мавсуф аз мулоқоти судманди хеш бо Фазл Аҳмад Маънавӣ - раиси Комиссиюни мустақили интихоботи Афғонистон, ки 11-уми январи соли равон доир гардида буд, ёдовар шуда, таъкид намуд, ки чунин боздидҳои корӣ дар таҳкими муносибатҳои дӯстона ва табодули таҷрибаи касбӣ ба манфиати ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

***Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»***

## ҚАРОРИ

### КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани мандати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ба Хонов Абдураҳмон Умарович, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколати ӯ**

Бинобар сабаби пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович, ки аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз рӯйи рӯйхати Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон интихоб шудааст ва мувофиқи моддаҳои 12, 54 ва 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мандати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мувофиқи рӯйхати дахлдори Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба Хонов Абдураҳмон Умарович дода шавад.

Хонов Абдураҳмон Умарович ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта, ваколаташ тасдиқ карда шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ш.ШОҲИЁН**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон — В.НАИМОВА**

**ш.Душанбе, 19 январи соли 2012 №3**

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

## Тасвиби созишномаҳо ҳамкориҳои байнидавлатиро тақвият мебахшанд

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:** - «Дар хусуси Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо» сухан ба вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуриддин Саидович дода мешавад.

**Нуриддин САИДОВ: Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо, ки 11 апрели соли 1997 дар шаҳри Лиссабон қабул шудааст, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН зимни сафар ба Шӯрои Аврупо 6 июни соли 2011 ба имзо расид.

Мақсади асосии Конвенсияи мазкур таъмини баробарарзишӣ ва эътирофи таҳсилоти олӣ, ки барои васеъ намудани мутобиқату табодули академӣ байни кишварҳои аъзои ин Конвенсия имконият медиҳад, мебошад.

Вазифаҳои асосии ин ҳуҷҷат таъмини дастрасии баробари мардуми ин минтақаҳо ба манбаъҳои таҳсилотии иштирокчиёни ин Конвенсия, фароҳам овардани имконият барои муҳассилини муассисаҳои таълимии ҳар яке аз ҷонибҳои Конвенсия барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии дигар иштирокчиёни Конвенсия, такмили таҷрибаи имрӯзаи эътирофи тахассусҳо ва таъмини мутобиқати он ба ҳолати муосири таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо мебошад.

Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои таҳсилотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман низоми маорифи ҷумҳурӣ дар минтақаи Аврупо эътироф гарданд. Ҳамчунин санади мазкур барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои Аврупо имконияти васеъ фароҳам хоҳад овард.



Яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи маорифи кишвар ин мутобиқ гардидан ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот ва бад-ин васила ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар нақшаи дурнамои соҳаи таҳсилоти олии кишвар ворид гардидан ба ҷараёни Болония дар назар аст ва бо ин мақсад амалӣ намудани низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар шурӯъ гардидааст. Дар низоми кредитии таҳсилот яке аз масъалаҳои асосӣ ин таъмини фаъолиятмандии (мобильность) донишҷӯ дар бозори ҷаҳонии таҳсилот мебошад. Баназаргирии кредитҳои ҷамъовардашуда ва холҳои соҳибгардида, инчунин мутобиқати нақша, барнома ва силлабусҳои таълимии ихтисосҳои мутобиқ, тартиби эътироф ва баробарарзиш донистани онҳо омилҳои асосии таъмини фаъолиятмандии донишҷӯ дар бозори ҷаҳонии дар ин мавриди аврупоии таҳсилот мебошанд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки тасдиқ ва мавриди амал қарор додани Конвенсияи мазкур дар роҳи таъмини сифати таълим ва ворид гардидани таҳсилоти олии касбии кишвар ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад намуд.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи тасдиқшудаи Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупоро ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, ҷиҳати тасдиқи минбаъдаи он аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна дода мешавад.

**Марҳабо ҶАББОРОВА: Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо пешниҳод гардидааст, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шудааст.

Конвенсияи мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2012 таҳти №994 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳо ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд.

Конвенсия санади муҳими ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки ба эътирофи таҳсилоти олӣ бо мақсади васеъ намудани мутобиқату табодули академӣ байни кишварҳои аъзои ин Конвенсия имконият медиҳад.



Конвенсия аз 11 фасл ва 11 модда иборат буда, дар муқаддима ва фасли 1 далелҳои асоснок оид ба зарурати қабули он, мақсаду вазифаҳо ва мафҳумҳои асосӣ ифода ёфтаанд.

Дар моддаҳои фасли 2 салоҳияти мақомоти давлатӣ оид ба андешидани чораҳои зарурӣ вобаста ба татбиқи муқаррароти Конвенсия таъкид гардидааст.

Принсипҳои асосӣ, аз ҷумла шаффофият, мувофиқасозӣ, эътимоднокии расмият ва меъёрҳо, дастрасӣ ва тартиби арзёбии тахассусҳо барои эътирофи меъёрҳо дар моддаҳои фасли 3 инъикос шудаанд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

(Идома аз саҳ. 1)

# Тасвиби созишномаҳо ҳамкориҳои байнидавлатиро тақвият мебахшанд

Дар фаслҳои 4, 5 ва 6 масъалаҳои тартиби эътирофи тахассусҳое, ки ба дастрасии таҳсилоти олӣ имконият медиҳанд, эътирофи давраҳои таҳсил ва тахассусҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ мешаванд, ки ягона монеа дар ин мавридҳо муайян намудани тафовути ҷиддии асоснок дар низоми таҳсилоти олӣ мебошад. Махсусан масъалҳои имконияти дастрасӣ ба идомаи таҳсил тибқи тавсияҳо ба муассисаҳои таълимӣ ва осон гардидани дастрасӣ ба бозори меҳнат пас аз соҳиб шудан ба тахассус хеле муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дар фасли 7 ба масъалаи тахассусҳое, ки соҳибони онҳо гурезаҳо, ашхоси кӯчонидашуда ва шахсони дар ҳолати гурезагӣ қарордошта мебошанд, диққати махсус зоҳир гардидааст.

Иттилоот оид ба арзёбии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва барномаҳо, иттилоот, оид ба масъалаҳои эътироф ва механизми татбиқи эътирофи тахассусҳо дар фаслҳои 8, 9, 10 баррасӣ мегарданд.

Дар Конвенсия нақши кишварҳо ҷиҳати таъмини дастрасии шаҳрвандон ба манбаъҳои таҳсилотӣ, фароҳам овардани имконият барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии дигар давлатҳои иштирокчии Конвенсия, такмили таҷрибаи имрӯзаи эътирофи тахассусҳо ва таъмини мутобиқати он ба ҳолати муосири таҳсилоти олӣ зикр гардидаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки санади баррасишаванда барои ҳалли масъалаҳои муҳими маорифи ҷумҳурии мо, аз ҷумла ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилоти кишвар бо стандартҳои ҷаҳонӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, таъмини эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва умуман низоми маорифи кишвар, имкони таҳсили шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар кишварҳои Аврупо, бартараф гаштани мушкилоти нарасидани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир ва бо ҷойи кор таъмин шудани мутахассисони ҷавон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуданд. Дар ҷаласаи васеи Кумита, ки 9 январи соли равон доир гардид, намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқ ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ Конвенсияи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқи онро дастгирӣ карданд.

Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бо дарки муҳимият ва зарурияти ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ аз шумо хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупоро ҷонибдорӣ намоед.

*Дар хусуси тасдиқи Конвенсияи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** -«Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ» сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Давлаталӣ Шомаҳмадович дода мешавад.



**Давлаталӣ САИДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромиқадр!**

Ба барррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ» пешниҳод карда мешавад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ 25 августи соли 2011 имзо шуда, ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварамон равона шудааст.

Дар маҷмӯъ, созишномаи мазкур муносибатҳои вобаста ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба, вусъат бахшидани сармоягузориҳо, таъмини шароитҳои баробару боадолатона, таъмини ҳимояи сармоя ва моликиятро ба танзим медарорад.

Мутобиқи созишномаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар ба Ширкати қатарии «ад-Диёр» дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида тамоми ваколатҳоро оид ба сармоягузорӣ дар соҳаи бунёди амволи ғайриманқул тариқи татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Диёри Душанбе» ба маблағи 220 млн. доллари ИМА (сохтмони меҳмонхона, биноҳои истиқоматӣ, дафтархонаҳо, ҳуҷраҳои идорӣ, биноҳои тиҷоратӣ ва савдо ва дигар иншоотҳои ғайриманқули мувофиқагардида) пешкаш менамоянд.

Инчунин тибқи созишномаи мазкур тарафи Давлати Қатар ӯҳдадор аст, ки бо истифода аз маблағҳои худ таври ройгон дар ҳаҷми зиёда аз 70 млн. доллари ИМА дар шаҳри Душанбе сохтмони масҷиди калонтаринро дар минтақа амалӣ намояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ барои татбиқи ин лоиҳаҳо пешниҳоди имтиёзҳои заруриро кафолат медиҳад.

Татбиқи лоиҳаи сохтмони масҷиди ҷомеъро яке аз сохторҳои тобеи Ҳукумати Давлати Қатар ба ӯҳда хоҳад гирифт ва пас аз анҷоми сохтмон масҷиди мазкур ба таври ройгон пурра ба моликияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад гузашт.

Тибқи моддаи 5-уми созишномаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои лоиҳаи сармоягузории мазкурро назорат намуда, метавонад вобаста ба татбиқи он маълумоти заруриро талаб намояд ва ҷиҳати самаранокии он тавсия ва пешниҳодҳо манзур созад.

Бояд тазаккур дод, ки созишномаи мазкур, пеш аз ҳама ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорро кафолат дода, механизми таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавиро танзим менамояд.

Дар мавриди ба миён омадани баҳсу ихтилофот, Тарафҳои Созишнома кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки онҳоро бо роҳи гуфтушунид ва машварат байни якдигар ҳал намоянд.

Дар ҳолати ба мувофиқа нарасидан тибқи қоидаҳои амалкунандаи Палатаи савдои байналмилалӣ (ICC) шуда, ҷойи доварӣ шаҳри Москваи Федератсияи Россия муқаррар гардидааст. Ҳангоми баҳс қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар муносибатҳои сармоягузории Тоҷикистону Давлати Қатар имкониятҳои зиёди истифоданашуда вуҷуд доранд. Дар сурати бомуваффақона амалӣ гардидани лоиҳаҳои зикргардида шароит барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои Давлати Қатар ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишварамон фароҳам оварда хоҳад шуд.

Муқаррароти созишномаи мазкур бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, мутобиқ буда, маъқул донистани он Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ягон хароҷотҳои иловагии молиявӣ ӯҳдадор намесозад.

Бинобар ин, бахри ба танзими ҳуқуқӣ даровардани муносибатҳои иқтисодию сармоягузории ҳар ду давлат аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**-Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сироҷов Шарофиддин дода мешавад.

**Шарофиддин СИРОҶОВ: Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ, ки 25 августи соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2012 таҳти №1001 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Созишномаи мазкур бо мақсади густариши ҳамкории мутақобила дар соҳаи сармоягузорӣ, бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахри беҳсозии фазо ва ҳавасмандкунии сармоягузорӣ дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва фазои дӯстӣ ба имзо расонида шудааст.



Мутобиқи Созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар ба Ширкати қатарии «ад-Диёр» оид ба сармоягузорӣ дар соҳаи амволи ғайриманқул барои татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Диёри Душанбе» дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида тамоми ваколатҳоро доир ба сохтмони меҳмонхона, биноҳои истиқоматӣ, дафтархонаҳо, ҳуҷраҳои идорӣ, биноҳои тиҷоратӣ ва савдо ва дигар иншоотҳои ғайриманқули мувофиқагардида пешкаш менамояд, ки ҳангоми сохтмон талаботи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра риоя карда мешавад.

Созишнома бахри рушди ҳамкориҳои дуҷониба, вусъат бахшидани муносибатҳои сармоягузорӣ, таъмини шароитҳои баробару боадолатона, таъмини ҳимояи сармоя ва моликият, ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, ки дар асоси созишномаи зикргардида танзим карда мешаванд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат дур набуда, дар сурати бомуваффақият амалӣ гардидани он ҳаҷми сармоягузориҳои Давлати Қатар ба иқтисодиёти кишварамон афзоиш хоҳад ёфт.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳои пешниҳодкардаи худ Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузориро ҷонибдорӣ намуданд.

Рӯзи 12 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқи онро мувофиқи мақсад шумориданд.

Санади мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ» мувофиқ буда, ба санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузориро, бо дарназардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасӣ ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

*Дар хусуси тасдиқи Созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:**- «Дар хусуси Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» сухан ба муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Орипов Нурулло Маъруфхонович дода мешавад.

**Нурулло ОРИПОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 2010 таҳти №151856 (18-6) таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур ин гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо кардани созишномаи зикргардида мебошад.

Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ 22 майи соли 2009 дар шаҳри Остона ба имзо расида, аз муқаддима ва 16 модда иборат мебошад.

Созишномаи мазкур барои рушди фаъолонаи ҳамкориҳо байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ равона карда шудааст.

Тибқи созишномаи мазкур Тарафҳо тавассути ирсоли минбаъдаи иттилоот ва иҷрои дархостҳо дар бораи пешниҳоди иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳамкорӣ менамоянд.

Дар муқаддима асосҳо барои баста шудани созишнома ифода ёфта, дар моддаи 1 самтҳои асосии ҳамкории Тарафҳо дар самти мубодилаи иттилоот, мақомоти салоҳиятдор маънидод карда шудаанд.

Дар моддаҳои 2-4 дар бораи шаклҳои ҳамкории мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо, тартиби ирсол ва иҷрои дархост ё маълумот байни Тарафҳо, ҳифзи иттилоот, дар моддаҳои 5-6 бошад масъалаҳои вобаста ба маҳдуд намудани истифодаи маълумот ва ҳуҷҷатҳои қабулгардида мавриди танзим қарор гирифтаанд.



Дар моддаи 7 тартиби расонидани кӯмак ва иҷрои дархост, дар моддаҳои 8-10 оид ба тартиби қайди мутамарказонидашудаи иттилоот дар Махзани байнидавлатии маълумотдиҳии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ва маблағгузории он пешбинӣ шудаанд.

Дар моддаи 11 масъалаи танзими баҳсҳои байни Тарафҳо доир ба татбиқи созишнома, дар моддаи 12 меъёр оид ба дахлнопазирии ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ки иштирокчии дигар шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, инъикос гардидааст.

Моддаҳои 13-16-уми созишнома масъалаҳои вобаста ба забонҳои кории ҳамкориҳо миёни Тарафҳо, масъалаҳои эътибори қонунӣ пайдо намудани созишнома, мӯҳлати амал ва ворид намудани тағйиротро ба он, ҳамроҳшавӣ ба созишнома ва хориҷшавӣ аз он, инчунин дар бораи маҳфуздорандаи созишномаро ба танзим медароранд.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амирқул Насимович дода мешавад.

**Амирқул АЗИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ 22 майи соли 2009 дар шаҳри Остона аз тарафи роҳбарони ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расида, он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Эътироф кардан лозим аст, ки ҷинояткорӣ бо тамоми намудҳояш таҳдиди ҷиддиеро барои бехатарии шахсият, ҷомеа ва давлат пеш меоварад.

Бинобар ин, тасдиқи созишномаи мазкур рушди муносибатҳои тарафҳоро дар соҳаи мубодилаи маълумот ва таҳкими ҳамкориҳои ояндаи иттилоотӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳои шаҳрвандон, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ таъмин менамояд.

Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2012 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон барои хулоса ва ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ фиристода шуд.



Созишномаи мазкур аз муқаддима ва 16 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани созишнома баён шудааст.

Дар он вазифаҳои ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд Тарафҳо) оид ба пешгирӣ, ошкорсозӣ, барҳамдиҳӣ, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо, ба таври ройгон аз рӯйи дархост пешниҳод намудани маълумоти дар қайдҳои оперативию иттилоотӣ, кофтуковӣ, криминалистӣ, бойгониҳои мавҷудбуда, ҳамчунин табодули маводи илмию техникӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳамкорӣ дар доираи созишномаи мазкур, мутобиқи қонунгузорӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Тарафҳо ба тасвиб расидааст.

Ғайр аз ин, дар созишномаи мазкур дар бораи пешниҳоди иттилоот, мақсад ва асоснокии он, махфияти маълумоти дастраснамуда ва расонидани кӯмак нисбат ба дархост, масъалаҳои забони корӣ, ҳалли баҳсҳо байни Тарафҳо, тартиби мӯҳлати амал ва эътибор пайдо намудани созишнома, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ва дигар масъалаҳо дарҷ шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, доир ба он хулоса пешниҳод карданд.

Иштирокчиёни ҷаласа созишномаи мазкурро мавриди муҳокима қарор дода, онро ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

*Дар хусуси тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:**-Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» сухан ба вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамралиев Фаррух Маҳмудович дода мешавад.



**Фаррух ҲАМРАЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам вакилони мардумӣ!**

Вобаста ба афзалиятҳое, ки ба рушд мусоидат менамоянд, Барномаи рушди инноватсионӣ таҳия мегардад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ба баррасии шумо пешниҳод шудааст, ки мавриди амал қарор гирифтани он дар шароити ҳамгиройӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз омилҳои асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ арзёбӣ мегардад.

Мақсад аз таҳияи Қонуни мазкур ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мебошад.

Инчунин ба таъмини рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар заминаи ташкил, мусоидат ба рушди ҳамкориҳои субъектҳо дар амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ ва таҳкими рушди иқтидори содиротии кишвар равона шудааст.

Қонуни мазкур аз 6 боб ва 22 модда иборат буда, моддаҳои алоҳидаи он ба танзими масъалаҳои ташкили шароити мусоиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, таъмини рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот, ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ҷалби сармояи бонкҳо, дигар сохторҳои молиявӣ ва шахсони манфиатдор, ташаккули низоми тайёр кардан, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳавӣ бахшида шудааст.

Татбиқи амалии Қонун имкон медиҳад, ки иқтидори содироти кишвар самти ашёии худро тағйир дода, дар натиҷаи татбиқи дастовардҳои илму техника, ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии ватании рақобатпазир шароит муҳайё гардад.

Ташкили истеҳсолоти ба инноватсия нигаронидашуда ҳамчун яке аз омилҳои рушди иқтисодиёт дар даҳ соли оянда муайян шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Хидирова Махфират Умаровна дода мешавад.

**Махфират ХИДИРОВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Дар оламӣ муосир омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ин гузариш ба маҷрои инноватсионии инкишоф, ки тамоюли иҷтимоӣ дорад, ба ҳисоб меравад.

Инноватсияҳо дар технологияҳо, маҳсулот ва таҷҳизот, хизматрасониҳо ва усулҳои нави ташкили идоракунӣ метавонанд рақобатпазирии баланди иқтисодиро таъмин намоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки болоравии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишварҳои мутараққӣ аз ҳисоби истифодаи инноватсияҳо 70-80 фоизро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ташкили шароити мусоид ва таъмини заминаи ҳуқуқӣ бахри ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад, ки лоиҳаи баррасишаванда мисоли он мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2011 таҳти №860 барои додани хулоса ба Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳо ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, кор ва хизматрасонӣ, таъмини ҳамкорӣ байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, шартҳои ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсиониро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин соҳа танзим менамояд.

Дар моддаи 1-уми лоиҳаи Қонун мафҳумҳои асосии дар он истифодашаванда шарҳ дода шудаанд: мафҳумҳои фаъолияти инноватсионӣ, инноватсия, маҳсулоти инноватсионӣ, лоиҳаи инноватсионӣ ва ғайраҳо аз қабили онҳо мебошанд.

Боби 2-юми лоиҳаи Қонун субъект, объект, намудҳои фаъолияти инноватсиониро муайян намуда, муносибатҳои шартномавиро байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ба танзим медарорад.

Боби 3-юми лоиҳаи Қонуни баррасишаванда ба сиёсати давлатии инноватсионӣ бахшида шуда, асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ, стратегияи рушди инноватсионӣ ва барномаи мақсадноки инноватсиониро дар бар мегирад.

Дар боби 4-уми лоиҳаи Қонун мақсад, вазифа ва принсипҳои сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионӣ муайян шудаанд, ки тибқи онҳо мақсади сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси таҳия ва паҳн кардани дастовардҳои заминавиест, ки инноватсияро беҳтар гардонида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои миллии стратегиро таъмин менамоянд.



Дар боби 5 шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, талаботҳо ба лоиҳаҳои инноватсионие, ки довталаби дастгирии давлатӣ мебошанд ва масъалаҳои ба он вобаста, инчунин салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шудаанд.

Ҳамаи кумитаҳо ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон барои такмили он 142 таклифу пешниҳодҳо ирсол намуданд, ки 79-тои онҳо қабул, 43-тояшон қисман қабул ва 20-тои дигарашон қабул нагардиданд, ки сабаби қабул нагардиданашон дар ҷадвали замимашуда оварда шудааст.

Кумитаи масъул тамоми таклифу пешниҳодҳоро омӯхта, ба лоиҳаи Қонун як қатор тағйиру иловаҳо ворид намуд, ки ҳамаи онҳо дар лоиҳаи дар дасти шумо буда, бо ҳарфи сиёҳи баланд ишора шудаанд.

Лоиҳаи мазкур 9 декабри соли 2011 дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Иштирокчиёни ҷаласа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»-ро, бо дарназардошти тағйироти воридшуда, ҷонибдорӣ намуда, баррасии онро дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

Лоиҳаи Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»-ро ба баррасии шумо, вакилони арҷманд, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.



**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» давоми мантиқии қонунҳои қаблан қабулгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» буда, ба ташаккул ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Бояд зикр намоем, ки дар замони ҳозира гарави комёбиҳои иқтисодиёти ҳар як кишвар дар бозори ҷаҳонӣ азнавсозии доимӣ, фаъолияти бетафсили инноватсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятии он мебошад. Маҳз ба туфайли истифодаи технологияҳои нав ва муҳити рақобатпазири илмию инноватсионӣ бисёр кишварҳои ҷаҳон ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ноил гардидаанд.

Ҳамасола дар ҷумҳурӣ теъдоди зиёди таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ таҳия мегарданд ва илова ба ин садҳо кашфиётҳои нав ҳамчун моликияти зеҳнӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳои илмӣ ба қайд гирифта мешаванд, вале онҳо ҳамчун маҳсулоти инноватсионӣ ба гардиши хоҷагидорӣ фаро гирифта намешаванд.

Дар муқоиса бо дигар кишварҳо, аз ҷумла баъзе кишварҳои ИДМ, сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам сатҳи камолот ва пай дар пайи худро касб накардааст. Мақсад аз ҷорӣ намудани сиёсати фаъолияти инноватсионӣ ин пеш аз ҳама гузаштан ба иқтисодиёти дар асоси дониш ташкилёфта мебошад.

Мавҷуд набудани фазои ягонаи инноватсионӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда, сохтори алоҳидаи муайянкунандаи тиҷоратикунонии дастовардҳои илмию техникӣ, рушд наёфтани ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ (технопаркҳо, технополисҳо, инкубаторҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, фондҳои венчурӣ, фондҳои инноватсионӣ ва ғайра), инчунин омилҳои ҳавасмандсозии олимон, муассисаҳои илмӣ ва бахши истеҳсолӣ барои гузаштан ба низоми инноватсионӣ монеаи ҷиддӣ гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда равона гардида, заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати ҷорӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ муҳайё месозад. Лоиҳаи Қонуни мазкур мақсаду вазифа ва принсипҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда, барои ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти инноватсиониро таъмин менамояд, заминаи зарурӣ мегузорад.

Меъёрҳои ҳуқуқии дар лоиҳаи Қонун пешниҳодгардида ҷиҳати танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар шакли маблағгузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, технологияи нав ё такмилдодашуда, ки барои истифодабарии амалӣ таъин шудаанд, инчунин муқаррар намудани имтиёзҳо барои субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ба раванди инноватсия такони ҷиддӣ мебахшад.

Аз ин лиҳоз, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» муҳим ва саривақтӣ буда, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Доир ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла энергетика, саноат қонунҳои мукаммал қабул шуда, ҳоло мавриди амал қарор доранд. Ҳарчанд дар қонунҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ ёдрас шавад ҳам, аммо то ба ҳол оид ба танзими он қонуни мукаммал қабул нашудааст. Қабули Қонуни мазкур хеле саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Чунончӣ, то ҳол фонди инноватсионӣ вуҷуд надорад. Бе маблағгузорӣ ҳеҷ гуна соҳа, аз ҷумла илму техника рушд намеёбад. Дар Қонуни мазкур субъектҳои маблағгузори фаъолияти инноватсионӣ муайян шудаанд. Ҳамоҳанг кардани ин субъектҳо зарур мебошад. Ҷиҳати амалӣ сохтани Қонуни мазкур таҳия ва қабули санадҳои зерқонунӣ муҳим дониста мешавад. Ҳамзамон доир ба фаъолияти инноватсионӣ барпо намудани конфронсҳои илмию амалӣ, дигар чорабиниҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Лоиҳаи Қонун модда ба модда ва боб ба боб муҳокима шуда, Қонун яклухт қабул гардид. Вобаста бо қабули Қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

# СТРАТЕГИЯИ НАВ МУШКИЛОТИ БАХШИ ХУСУСИРО БАРТАРАФ ХОҲАД КАРД

20 январи соли 2012 дар шаҳри Душанбе мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ» баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мизи мудавварро муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Манзура Маҳкамова ифтитоҳ намуда, роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиевро ба ҳозирин муаррифӣ намуд ва изҳори боварӣ кард, ки бо таъин гардидани роҳбари нави Котибот фаъолияти Шӯрои машваратӣ сифатан беҳтар хоҳад шуд.

Сипас, роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев оид ба дастовардҳои асосии Шӯрои машваратӣ дар соли сипаригашта гузориш дода, аз ҷумла зикр намуд, ки мақсади доир намудани мизи мудаввар пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ дар соли сипаришуда, натиҷаҳои бадастомада ва нақшаҳои оянда, бо дарназардошти муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳои муфид бо мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон мебошад.

Ҳамзамон ӯ зикр намуд, ки дар соли 2011 таҳти роҳбарии Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Шӯрои машваратӣ ба як қатор дастовардҳо ноил шуд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имкониятҳои содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012», «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014», «Нақшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки ба беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ, аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ мусоидат намуда истодаанд.

Дастоварди дигари Шӯрои машваратӣ дар соли сипаригашта ин аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизот ва технологияҳои истеҳсолии тавассути лизинг ба ҷумҳурӣ воридшаванда мебошад, ки тӯли солҳои охир ҳалли худро пайдо накарда буд. Дар ин робита, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуданд.

Шӯрои машваратӣ дар давоми чор соли фаъолияти худ зинаҳои ташаккул ва мустаҳкам намудани мавқеи худро гузашта, тавонист, ки муколамаи байни давлат ва бахши хусусиро дар сатҳи баланд таъмин намуда, онро ба муколамаи доимӣ табдил диҳад. Айни замон ин муколама дар сатҳи минтақавӣ низ рушд намуда истодааст ва дар назди раисони вилоятҳо Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудааст.

Сарфи назар аз дастовардҳои комёбшуда ҳанӯз ҳам мушкилот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ вуҷуд дорад, ки барои мусоидат кардан ба ҳалли онҳо Шӯрои машваратӣ ният дорад рафти ислоҳоти заруриро тезонад.

Дар ин замина, аз ҷониби роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои давраи миёнамӯҳлат ба ҳозирин муаррифӣ карда шуд.

Стратегияи мазкур дар асоси пешниҳодоти бахши хусусӣ таҳия гардида, дар он ба содда намудани низоми андозситонӣ ва ҳисоботи оморӣ, аз байн бурдани санҷишҳои беасос, пурзӯр намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дастрасии қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои паст ва дастгирии воқеии соҳибкории хурду миёна аҳамияти хоса дода шудааст.

Мақсади асосии Стратегия ин пурзӯр кардани фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, таҳкими ҳамкориҳо бо шарикон (бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд) ва тақвияти ҳамкориҳо бо Шӯроҳои минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Сипас, аз номи шарикони рушди Тоҷикистон роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон Улф Ҳиндстром ва аз номи бахши хусусӣ роҳбари Ассотсиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон Файзалӣ Раҷабов суханронӣ намуда, фаъолияти Шӯрои машваратиро дар соли сипаригашта қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Дар кори мизи мудаввар вобаста ба масъалаҳои баррасигардида миёни шарикон баҳсу мунозираҳо сурат гирифта, пешниҳодҳои ҷолиб баён гардиданд. Аз ҷумла намояндагони бахши хусусӣ Муфарраҳ Муҳаббатов – директори ҶДММ «Рухом», Зайд Саидов – роҳбари Ассотсиатсияи соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон, Миралӣ Қодиров – муовини директори Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе, Тақдир Шарипов – муовини роҳбари Ассотсиатсияи соҳибкорон, содироткунандагон ва намояндагони шарикони рушд, Эдуард Ауер – роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, Хартвиг Унгетум – роҳбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба Ҳамкориҳои Байналмилалӣ ва дигарон вобаста ба мушкилоти бахши коркарди маъданҳои кӯҳӣ, аз ҷумла тилло ва сангҳои қиматбаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили ҷумҳурӣ, мушкилоти андозсупорӣ ва гарон будани он, санҷишҳои беасос ва дигар масъалаҳои рӯзмарраи рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ изҳори назар намуда, ба саволҳои худ аз ҷониби роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев посухҳои зарурӣ гирифтанд.

Ширкаткунандагон изҳори умед намуданд, ки татбиқи Стратегияи мазкур барои ҳалли мушкилоти бахши хусусӣ мусоидат хоҳад намуд.

***Азиза МАВЛОНОВА,***
***мушовири ҳуқуқии котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## НОМЗАД БА МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ПЕШБАРӢ ШУД

Иҷлосияи XI ғайринавбатии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан даъвати чорум дар баробари масъалаҳои ҷорӣ масъалаи пешбарии номзадро аз ҳавзаи интихоботии вилояти Суғд № 2 ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи узви хориҷшуда баррасӣ намуд. Ба номзадии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси шаҳри Истаравшан Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович муносиб дониста шуд. Пешбарӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ сурат гирифт. 36 нафар вакилони дар иҷлосия ширкатдошта номзади пешбаришударо ҷонибдорӣ намуданд.

Бояд гуфт, ки номзадии раиси шаҳри Истаравшан Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович аз ҳавзаи интихоботии вилояти Суғд № 2 аз ҷониби вакилони халқи Маҷлиси вакилони халқи навоҳии Шаҳристон, Ғончӣ ва Зафаробод низ дастгирӣ ёфт.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Беш аз як миллион кӯдак эм карда шуд

-Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи барномаҳои миллӣ,заминаи моддию техникии самтҳои гуногуни соҳа мустаҳкам гардида, ҷиҳати рушди захираҳои кадрӣ аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода бурда шуд. Бо ин васила барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, ворид намудани усулҳои нави ташхису табобат заминаи боэътимод фароҳам омад, - гуфт замни нишасти матбуотӣ вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Салимов.

Вай ҳамчунин иброз намуд, ки аз ҳисоби маблағҳои марказонидашудаи вазорат ба маблағи чор миллиону 802 ҳазор сомонӣ дастгоҳи ангиограф харидорӣ гардида, дар Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо насб карда шуд. Ҷиҳати ба роҳ мондани усулҳои муосири ташхису табобат, аз ҳисоби Вазорати тандурустӣ ба Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои чашм ба маблағи 850 ҳазор сомонӣ таҷҳизоти тиббӣ, аз ҷумла барои гузаронидани амалиёти микроҷарроҳии бемориҳои чашм дастгоҳҳои лазерӣ, микроскопи замонавӣ барои гузаронидани ҷарроҳӣ ва ғайра дастрас гардид.

Ҳамзамон муассисаҳои табобатии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ба маблағи 800 ҳазор сомонӣ бо таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шуданд.

Боиси тазаккур аст, ки дар ин давра ҷиҳати беҳтар намудани заминаи моддию техникии соҳаи силшиносӣ Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои сил бо сарфи зиёда аз 70 миллион сомонӣ таъмиру барқарор карда шуд.

Барои таъмини дурнамои рушди соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳо бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳашт нафар мутахассисон ба шаҳри Чаншаи вилояти Хунани Ҷумҳурии Халқии Хитой ба курсҳои се, шаш ва нӯҳмоҳа барои такмили ихтисос фиристода шуданд. Айни замон дар муассисаҳои тиббии кишвар ба 21 нафар бемор амалиёти пайвандсозии гурда анҷом дода шудааст. Баҳри муайян намудани оқибатҳои бемории фалаҷ дар тамоми шаҳру ноҳияҳое, ки ба қайд гирифта шуда буд, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ расонида шуд. Дар маҷмӯъ, солҳои 2010 ва 2011 ҳашт маротиба рӯзҳои миллии эмкунӣ бар зидди бемории фалаҷ ва як маротиба эмкунии маҳдуд гузаронида шуд, ки дар натиҷа 1016179 нафар кӯдакон фаро гирифта шуданд.

Дар ин давра аз ҷониби мутахассисони мақомоти назоратии санитарию эпидемиологӣ бо мақсади пешгирӣ намудани заҳролудшавӣ аз маводи хӯрока ва пешгирии истифодаи маҳсулоти хӯрокаи мӯҳлати истифодаашон гузашта 87185 кг намаки ошӣ, 3811кг маҳсулоти гӯштӣ (ҳасибу ҳасибчаҳо), 3992 литр маҳсулоти ширӣ, 2030 дона тухми парранда ва ғайра аз фурӯш боздошта шуданд.

***Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

## Татбиқи лоиҳа муваффақона анҷом ёфт

Муовини аввали сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъмат Раҳматов намояндагони воситаҳои ахбори оммаро бо натиҷаҳои фаъолияти Хадамоти гумрук дар соли 2011 шинос намуда, аз ҷумла гуфт, ки гардиши тиҷорати хориҷӣ дар соли 2011 маблағи 4 миллиарду 458,5 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 608,2 млн. доллар ё 15,8 фоиз зиёд мебошад. Аз маблағи умумии гардиши тиҷорати хориҷӣ 3 миллиарду 202,6 млн. доллар ба воридот ва 1 миллиарду 255,9 млн. доллар ба содирот рост меояд.

Дар содирот вазни қиёсии асосиро алюминийи аввалия, нахи пахта, меваю сабзавот ва дар воридот маҳсулоти нафтӣ, оксиди алюминий, орд, гандум, шакар, равғани растанӣ, семент ва воситаҳои нақлиёт ташкил менамояд.

Хадамоти гумрук 2308,2 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ворид намуд, ки баробар ба 104,9 фоизи нақша мебошад.

Кормандони воҳидҳои мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ 5288 ҳодисаи қонуншиканиро ошкор карданд ва аз ҳисоби ин қонуншиканиҳо 38-тояш ҷиноят буда, 25 ҳодиса ба қочоқи маводи нашъаовар, 8 ҳодиса ба қочоқи молҳои ниёзи мардум ва 5 ҳодисаи дигар ба ҷиноятҳои соҳаи гумрук рост меояд.

Соли гузашта татбиқи Лоиҳаи таҳкими гумрук ва рушди зерсохтори гумрукӣ анҷом ёфт. Лоиҳаи мазкур дар асоси Созишномаи қарзии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд ба амал бароварда шуд. Дар доираи татбиқи лоиҳаи зикршуда таъмиру барқарорсозӣ дар як қатор дидбонгоҳҳои гумрукӣ, аз ҷумла дидбонгоҳҳои гумрукии Душанбе-1, Спитамен, Хуҷанд, Зафаробод, Исфара, Ишкошим, Мурғоб, Кулма ба анҷом расид.

Инчунин сохтмони маҷмӯӣ ва ободонии дидбонгоҳҳои гумрукии Айвоҷ, Қуштегирмон, Ҷирғатол, Кулма ва марҳилаи аввали дидбонгоҳи гумрукии Кизил-Арт ба охир расида, иншооти мазкур мавриди истифода шуданд.

***А. МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

## Қонуншиканӣ зиёд шудааст

Раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокиров дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки Кумита дар соли 2011 ҳисоботро оид ба миқдори замин ва тақсимоти он ба категорияҳо, намудҳои замину заминистифодабарандагон дар доираи ҳар як ноҳия, вилоят ва ҷамъбасти онҳоро дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2011 ба охир расонид, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 таҳти №99 тасдиқ гардид.

Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 14350113 гектар замин дар истифода қарор дорад, аз ҷумла заминҳои берун аз ҳудуди марзи маъмурӣ 95 876 гектарро ташкил медиҳанд. Агар дар соли 2010-ум 19290 гектар замини корам, аз ҷумла 15297 гектар корами обӣ бо сабабҳои шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва ғайраҳо аз истифода берун монда бошад, соли 2011 дар ҷумҳурӣ 21923 гектар замини корам, аз ҷумла 14880 гектар корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун монд.

Ба ҳолати 20 декабри соли 2011 бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамагӣ майдони 24622 гектар, аз ҷумла дар вилояти Суғд 9621 гектар, дар вилояти Хатлон 8385 гектар, дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 167 гектар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6449 гектар барои эҳтиёҷмандон замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуд. Дар вилояти Суғд майдони 4960 гектар ё ин ки 52 фоиз, дар вилояти Хатлон 4749 гектар ё ин ки 57 фоиз ва дар ноҳияҳои тобеъ майдони 1161 гектар ё ин ки 18 фоиз замин аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятӣ ба шаҳрвандон тақсим карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар соли 2011 нисбати соли 2010-ум 614 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин зиёд ошкор ва ба маблағи 42793 сомонӣ зиёд ҷарима баста шудааст.

Маҳмадтоир Зокиров ҳамчунин оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти корхонаҳои зертобеи Кумита ва дигар самтҳои фаъолияташон ба хабарнигорон маълумот дод.

***Н.СОЛЕҲОВ,***
***«Садои мардум»***

## Аз вагонҳо ба синфхонаҳои барҳаво

- Мақсади мо беҳтар намудани шароити таълим дар мактабҳост, - гуфт директори иҷроияи Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон Саидаҳмад Мирзоев зимни нишасти матбуотӣ. – Фаъолияти мо соли 2009 оғоз ёфта, то соли 2013 идома меёбад. Алҳол ба марҳилаи дуюми барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ» расидаем. Мувофиқи марҳилаи дуюми барнома, маблағҳо пурра ба соҳаи маорифи вилояти Хатлон сарф хоҳанд шуд, ки он 20 мактаби вилоятро фаро мегирад.

Мувофиқи иттилои С.Мирзоев, се шакли мактабҳо барои таъмиру таҷдид интихоб ва маблағгузорӣ мешаванд. Мактабҳои дар вагонҳо ҷойгирбуда, дар хонаҳои шахсӣ ва биноҳои маъмурию ҷамъиятӣ ҷойгирифта ва мактабҳои дар ҳолати садамавӣ қарордошта. Барои амалӣ шудани барнома ба андозаи 15,9 миллион доллар маблағ ҷудо шудааст. Аз ин ҳисоб 15,4 млн. доллар саҳми Ҳукумати Олмон, 0,32 млн. доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 0,19 млн. доллар саҳми аҳолист.

- Дар марҳилаи дуюми фаъолият вилояти Хатлонро бесабаб интихоб накардаем, - гуфт дар идомаи сӯҳбат С.Мирзоев.- Бар асари ҳодисоти ба ҳамагон маълум баробари дигар иншооти хоҷагии халқ дар ин ҷо таълимгоҳҳо низ зарари ҷиддӣ диданд. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо, аз ҷумла Олмон, таълимгоҳҳо таъмир ва аз нав бунёд мешаванд. Ба ин васила ҷараёни таълим дар дабистонҳо халал нахоҳад ёфт. Дар марҳилаи дуюми барномаи мо татбиқи 38 лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

***Т.ДАВЛАТ,***
***«Садои мардум»***

## Тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати риояи қонунгузории хизмати давлатӣ

Муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимов Грез Ҷӯрахонович дар нишасти матбуотӣ зикр кард, ки иҷрои нақшаҳои кори Раёсат барои нимсолаи якум ва дуюми соли 2011, ки аз 65 банд иборат буданд, таъмин гардид. Дар ин давра санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Барои 25 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии аз мақомоти давлатӣ воридшуда хулоса пешниҳод карда шуд.

Яке аз самтҳои фаъолияти Раёсат назорати риояи талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ мебошад. Бо ин мақсад намояндагони дастгоҳи марказӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 16 сафари хизматӣ анҷом дода, дар 33 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ риояи қонунгузории хизмати давлатиро аз назар гузарониданд.

Дар рафти омӯзиш ва санҷишҳо ҳолатҳои иҷро нагардидани талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ муайян карда шуда, барои таҳияи дурусти ҳуҷҷатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳо оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ, ҷалби воҳидҳои сохторӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба иҷрои бандҳои дахлдори барномаҳои давлатӣ ба унвони роҳбарони мақомоти давлатӣ санадҳои санҷишӣ ирсол гардида, ҳамзамон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

-Ҳамчунин соли 2011 чор сафари хориҷии кормандони Раёсат ҷиҳати таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ба Германия, Италия, Москва ва Молдова сурат гирифт,- гуфт Грез Ҷӯрахонович.

Мавсуф инчунин оид ба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, мурофиат ва қабули шаҳрвандон, чопи китобу брошюраҳо ҷиҳати истифодаи хизматӣ ва ғайра маълумот дод.

Дар охир ректори Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода аз фаъолияти яксолаи донишкадаи мазкур ҳарф зад.

***С. НЕЪМАТУЛЛО, «Садои мардум»***

## Дар ҳолати омодабош

Таъбири мазкур беҳтарин ҳисобот, беҳтарин шиор ва беҳтарин баҳогузорӣ дар фаъолияти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад. Дар асл бошад, барои ба дараҷаи баланди касбият расидани мудофеъону наҷотбахшони тоҷик дар шароити имрӯзаи иқтисоди кишвар иҷрои кори зиёд дар пеш аст. Муҳимаш, дар давраи на чандон тӯлонӣ Кумита то андозае аз якчанд имтиҳони сахт гузашта, таҷриба андӯхтааст. Дар муқоиса бо даҳ соли охир шароиту таъминоти корӣ хеле беҳтар гардида, дар масъалаи мутахассисон камбудӣ эҳсос намегардад.

Соли сипаришуда дар ҷумҳурӣ 121 (соли 2010 – 236 ҳодиса) ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ба амал омадааст, ки мутаассифона, бар асари онҳо 11 нафар ( соли 2010 – 61 нафар) ҷони худро аз даст доданд. Аз беэҳтиётӣ ҳангоми шиноварӣ 118 нафар ҳалок гардидааст. Бар асари офатҳои табиӣ 1007 хона (соли 2010 – 4425 хона) ба маблағи 43 млн. 815 ҳазору 200 сомонӣ зарар дида, 57 хона пурра хароб гардидааст. Наҷотдиҳандагони Кумита соли 2011 дар 327 амалиёти наҷотдиҳӣ – кофтуковӣ иштирок намуданд.

- Мо рисолати худро дар замони шиддати офатҳои табиӣ ва дигар ҳаводиси рӯзгор батамом дарк менамоем. Мақсади асосиамон ин пеш аз ҳама бартараф кардани камбудиву норасоиҳо ва мушкилоти дар соҳа ҷойдошта, муваффақ гардидан ба натиҷаҳои боз ҳам беҳтари кор ва бовариии мардум мебошад, - гуфт зимни нишаст А. Хушвахтов, ҷонишини аввали раиси Кумитаи номбурда.

***Мирзо НУРАЛИЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Ҷарима ба 84 нафар шахсони мансабдор

Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро дар асоси як қатор қонунҳои амалкунандаи кишвар ба роҳ монда, баҳри пешгирии ҳодисоти нохуш ва бартараф намудани камбудиҳои дар соҳа ҷойдошта корҳои назаррасеро ба сомон расондааст. Дар ин хусус ва фаъолияти саридораи мазкур тӯли соли сипаригардида зимни нишасти матбуотӣ сарвари он Мурод Ҷумъаев иттилоъ дод.

- Дар саридора 1587 корхона ва 14099 иншоот ба қайд гирифта шудааст, - гуфт М.Ҷумъаев. – Аз ҷониби ҳашт нозироти давлатӣ ва се нозироти комплекси бехатарии саноатӣ дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ 1079 назорати техникӣ гузаронида шуд. Бобати риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ, аз рӯйи санадҳои меъёрию ҳуқуқии бехатарии саноатӣ фаъолият намудан, ба корхона ва ташкилотҳои ба қайд гирифташуда 1134 нишондод бинобар ҷой доштани камбудиҳо пешниҳод ва баҳри рафъи онҳо мӯҳлат муайян шудааает. Дар рафти гузарондани назоратҳои техникӣ 84 нафар шахсони мансабдор барои риоя накардани қоидаҳои бехатарии саноатӣ ва роҳ додан ба камбудиҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба онҳо ҷарима баста шуд. Маблағи умумии ҷарима 30900 сомониро ташкил медиҳад.

Тӯли соли гузашта саридора як қатор корҳои хайрро ба сомон расонид. Аз ҷумла ба тарбиятгирандагони мактаб – интернати шунавоияшон сусти ноҳияи Рӯдакӣ пайваста кӯмаки гуногун расонда мешавад. Ба шаш нафар хатмкунандагони мактаб – интернати мазкур саҳмияҳои НБО «Роғун»-ро харида, тӯҳфа намуд. Ҳангоми таътили тобистона 11 нафар шогирдони ин таълимгоҳ барои истироҳат аз ҳисоби маблағҳои саридора ба лагери истироҳатии Қаратоғи ноҳияи Ҳисор фиристода шуданд.

***Т. САФАРЗОД, «Садои мардум»***

## Нақша барзиёд иҷро шуд

- Мувофиқи нақшаи асосӣ то 31 марти соли 2012 аз ҷониби Лоиҳа азхудкунии 10 519 000 доллари амрикоӣ ва супоридани 37 500 адад Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин пешбинӣ шуда буд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ директори Муассисаи давлатии Маркази татбиқи «Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ» Маҳмудҷон Хабиров.

Мавсуф афзуд, ки аз ҷониби Лоиҳа то 31-уми декабри соли 2011-ум 10605310 доллари амрикоӣ аз худ карда шуд, ки аз маблағи нақшавии зикргардида 86 310 доллар зиёдтар аст. Яъне, Лоиҳа азхудкунии маблағи умумии нақшавиро ба андозаи 100,8 фоиз, се моҳ қабл аз мӯҳлати хатми Лоиҳа, иҷро намуд.

Ҳамчунин то 31-уми декабри соли 2011 ба ҷойи 37500 адад сертификати нақшавӣ 37719 адад сертификат ба деҳқонон супорида, иҷрои нақшаи истеҳсолӣ барзиёд ва пеш аз мӯҳлат таъмин карда шуд.

Аз маблағи умумии нақшавии Лоиҳа зиёдтар азхудшавии маблағ аз ҳисоби баланд шудани қурби байналмилалии асъор имконпазир гардид. То 31 декабри соли 2011, аз ҳисоби баланд шудани қурби байналмилалии асъор, маблағи умумии нақшавии Лоиҳа ба андозаи 370112 доллари амрикоӣ зиёд гардидааст. Яъне, ҳоло маблағи умумии Лоиҳа ба ҷойи 10 миллиону 519 000 доллари нақшавӣ, 10 миллиону 889 112 долларро ташкил медиҳад.

Аз ҳисоби ин маблағҳои изофашуда ҳаҷми нақшаҳои истеҳсолӣ низ зиёд гардид. Яъне, то 31 марти соли 2012 Лоиҳа ба ҷои 37 500 адади нақшавӣ бояд 42 000 адад сертификатро ба деҳқонон дастрас намояд.

Маблағҳои азхудшуда асосан барои харидории таҷҳизоти компютерӣ ва мебели корӣ, нақлиёти хидматӣ ва ҳамчунин барои фаъолияти ҳаррӯзаи Маркази татбиқи Лоиҳа ва ҳафт Маркази кадастри замин дар минтақаҳои Вахш, Кӯлоб, Ҳисор, Рашт, Хуҷанд, Зарафшон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сарф шудаанд.

Дар натиҷаи ба фаъолият шурӯъ намудани Лоиҳа дар Маркази татбиқи лоиҳа ва ҳафт Марказҳои кадастри замин дар минтақаҳои Вахш, Кӯлоб, Ҳисор, Рашт, Хуҷанд, Зарафшон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 90 нафар мутахассисон ва 35 нафар кормандони хизматрасон (муҳосиб, ронанда, фаррош, посбон ва ғайра) ва 3 нафар мушовирони маҳаллӣ, ҳамагӣ 128 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

***Н. ҲИКМАТУЛЛОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Ба арзу шикояти шаҳрвандон бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад

Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Абдуллоев дар нишасти матбуотӣ оид ба фаъолияти Суди Олӣ дар соли 2011 маълумоти муфассал манзур намуда, зикр кард, ки ба ҳайси суди марҳилаи якум 68 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 139 шахс баррасӣ шудааст, ки аз ин шумора 63 парванда нисбати 126 нафар бо баровардани ҳукми айбдоркунӣ, 1 парванда нисбати 1 нафар бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва пешбурди 4 парванда нисбати 12 нафар бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» ва бинобар пушаймонӣ аз кирдор қатъ гардиданд.

Аз 126 нафари маҳкумшуда ба 109 нафарашон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла нисбати 13 кас ҷазои якумра, ба 12 шахс ҷазои ҷарима, нисбати 1 нафар ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ таъин гардида, нисбати 4 нафар ҷазо шартан татбиқ карда нашудааст.

Ҳамзамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» нисбати 124 шахс татбиқ, мӯҳлати адонагардидаи ҷазои 70 маҳкумшуда кам, 46 нафар маҳкумшуда аз адои ҷазо озод ва нисбати 8 нафар пешбурди парвандаҳо қатъ карда шудааст. Аз шумораи умумии авфшудагон 5 нафар зан, 4 нафар ноболиғ ва 115 нафарашонро мардон ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби коллегияҳои Суди Олӣ 297 парвандаи ҷиноятӣ, 312 парвандаи гражданӣ, 186 парвандаи оилавӣ ва 13 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар зинаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Раёсати Суди Олӣ низ ҳамчун суди марҳилаи назоратӣ баррасии парвандаҳоро аз рӯйи 35 эътироз ва таъинот таъмин намуд. Инчунин тибқи нақшаи корӣ ҷамъбасти 20 таҷрибаи судӣ бо омӯзиши зиёда аз 12.714 адад парвандаҳо гузаронида шуданд.

Давоми сол ба Суди Олӣ 2472 адад арзу шикоятҳои шаҳрвандон ворид гардидааст. Аз миқдори умумии шикоятҳо 2295-тои он ё худ, 92,8 фоиз бо омӯзиши зиёда аз 1108 парванда ҳал гардида, 177 шикоят дар марҳилаи омӯзиш қарор дорад.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Фаъолияти пурмаҳсулро эҳсонкорӣ зевар аст

Аз маълумотҳои зимни нишасти матбуотӣ дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба журналистон пешниҳодшуда бармеояд, ки фаъолияти ин сохтор соли гузашта вусъат ёфтааст. Директори Агентӣ Бахтиёр Шукуров минҷумла зикр намуд, ки соли гузашта ҷиҳати ҳифзи бозори истеъмолӣ аз воридшавии маҳсулоти бесифат дар 6150 корхонаву ташкилотҳои савдо ва бозорҳо санҷиш гузаронида шуда, дар 1741 ҳолат амрияи ислоҳи камбудиҳо ва дар 1836 ҳолат амрияи манъи фурӯш ба тасвиб расидааст. Тайи соли сипаригашта зимни ташхис дар озмоишгоҳҳои санҷиши маводи ғизоии агентӣ 20,9 тонна маҳсулоти гӯштӣ, 186,3 тонна равғани растанӣ, 9,3 тонна маҳсулоти макаронӣ, 56 тонна орд, 2061 дал нӯшокиҳои спиртӣ, 7000 дал нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, 24,9 тонна маҳсулоти қаннодӣ, 188,1 тонна маҳсулоти ғаллагӣ, 38,7 тонна иловагиҳои хӯрока, 11,2 тонна маҳсулоти ширӣ, 155,2 тонна консерва, 117 тонна меваю сабзавот ва даҳҳо намуди дигари маҳсулоти истеҳсоли ватанию хориҷӣ ғайристандартӣ дониста, бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма нобуд ва ё ба коркарди иловагӣ фиристода шуданд. Маълум гашт, ки дар баробари фаъолияти пурмаҳсул «Тоҷикстандарт» фаъолияти эҳсонкориро низ густариш бахшида, соли гузашта ба маблағи 147306 сомонӣ ба пиронсолон, бепарасторон ва мактаб-парваришгоҳҳо кӯмак расондааст.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***




# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Музоядаи №3-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 24 феврали соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Сурхоб» | ш.Душанбе, кӯчаи Сурхоб 5 | 10 000 |
| 2 | Бинои мағоза бо паҳлусохтмони ҶСК «Сирандуд» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи №3, минтақаи саноатӣ | 60 000 |
| 3 | Бинои ошхонаи ҶСК «Сирандуд» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи №3, минтақаи саноатӣ | 65 000 |
| 4 | Бинои чойхонаи ҶСК «Панҷкӯл» | ш.Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 30 000 |
| 5 | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Панҷкӯл» | ш.Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 5 000 |
| 6 | Бинои клуби ҶСК «Панҷкӯл» | ш.Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 50 000 |
| 7 | Бинои мағозаи нони ҶСК «Заводи хишти Панҷакент» | ш.Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан, деҳаи Қӯштеппа | 10 000 |
| 8 | Бинои клуби ҶСК «Душанбинский КСМ» | ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 201 | 50 000 |
| 9 | Бинои клуб-ошхонаи ҶСК «Хуҷандатлас» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17 | 134 000 |
| 10 | Иншоот аз конструксияҳои УКА-1 мс ва УК-2КМИ1-РКЗ-и ҶСК «Заводи таъмири механикӣ» | ш.Ваҳдат, шаҳраки Бостон | 200 000 |
| 11 | Бинои анбори марказии хоҷагии ёрирасони ШСХК «Барқи Тоҷик» | ш.Норак | 100 000 |
| 12 | Бинои анбори хоҷагии ҷангали шаҳри Ваҳдат, Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор | ш.Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Н.Розиқ, деҳаи Н.Хусрав | 50 000 |
| 13 | Иншооти КВД «Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва мониторинг»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Н.Ганҷавӣ 55 | 52 000 |
| 14 | Бинои сехи симбурии ҶСК «Ҳосилот» | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Бурёбоф | 15 000 |
| 15 | Бинои анбори ҶСК «Ҳосилот» | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Бурёбоф | 15 000 |
| 16 | Ду адад гармхонаи ҶСК «Ҳосилот» | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Бурёбоф | 20 000 |
| 17 | Мошинсаройи ҶСК «Ҳосилот» | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Бурёбоф | 15 000 |
| 18 | Саунаи (ҳаммом) ҶСК «Монолитстрой» | ш.Душанбе, кӯчаи Чортеппа | 15 000 |
| 19 | Бинои ошхонаи ҶСК «Сарой-Камар» | вилояти Хатлон, ноҳияи Панҷ, кӯчаи 50-солагии қӯшунҳои сарҳадӣ 16 | 35 000 |
| 20 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Сарой-Камар» | вилояти Хатлон, ноҳияи Панҷ, кӯчаи 50-солагии қӯшунҳои сарҳадӣ 16 | 10 000 |
| 21 | Бинои ошхонаи ҶСК «Соҳибкор» | ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Калинин, кӯчаи Комсомол | 10 000 |
| 22 | Чойхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки ба номи С.Исоев, кӯчаи Советӣ | 35 000 |
| 23 | Чойхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод | 20 000 |
| 24 | Хонаи маданияти (клуб) ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки ба номи С.Исоев, кӯчаи Советӣ 36 | 120 000 |
| 25 | Павилон-ошхонаи ҶСК «Сомғор» | ноҳияи Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов | 50 000 |
| 26 | Анбори ҶСК «МНА-52» | ш.Кӯлоб, маҳаллаи Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 27 | Ошхонаи ҶСК «Заводи хишти Сарбанд» (ҳозира ҶСК «Масаррат») | ш.Сарбанд, кӯчаи Табакчӣ | 30 000 |
| 28 | Бинои ошхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 20 000 |
| 29 | Бинои чойхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 80 000 |
| 30 | Бинои ошхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Спец АТП-1» | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Дарёобод | 30 000 |
| 31 | Ларёки (дӯкон) хоҷагии деҳқонии «Кӯҳдоман» | ноҳияи Файзобод | 10 000 |
| 32 | Як қисми воситаҳои асосии КВД «Экспедитсияи наклиётии минтақаи Ҳисор» | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод | 300 000 |
| 33 | Бинои кинотеатри тобистонаи «Космос», КВД кино ва видеои «Тоҷиккино» | вилояти Хатлон, ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки ба номи С.Исоев | 20 000 |
| 34 | Бинои ошхонаи ҶСК «СРСУ Ура-Тюбе Спецремстройтрест» | ш.Истаравшан, кӯчаи Гагарин 78 | 50 000 |
| 35 | Бинои нонвойхонаи ҶС «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ | 30 000 |
| 36 | Бозорчаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ 1 | 70 000 |
| 37 | Бинои ошхонаи ҶСК «Қосимҷон» | ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Айнӣ | 5 000 |
| 38 | Бинои ошхонаи ҶСК «Бахтиёр» | ноҳияи Бохтар, кӯчаи Ҳақназари Кабуд | 50 000 |
| 39 | Бинои чойхонаи ҶСК «Шарбат» | ш.Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 60 000 |
| 40 | Бинои ошхонаи ҶСК «Хоҷа Мӯъмин» | ноҳияи Восеъ, Ҷамоати деҳоти Тугарак, деҳаи Ибрат | 15 000 |
| 41 | Бинои мағозаи ҶСК «Хоҷа Мӯъмин» | ноҳияи Восеъ, Ҷамоати деҳоти Тугарак, деҳаи Ибрат | 5 000 |
| 42 | Бинои ошхонаи ҶСК «Кимиёрӯзгор» | ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 205 | 50 000 |
| 43 | Бинои чойхона-ошхонаи ҶСК «Темурмалик» | ш.Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 50 000 |
| 44 | Бинои чойхонаи ҶСК «Темурмалик» | ш.Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 40 000 |
| 45 | Бинои ошхонаи ҶСК «Паррандапарвар-2» | ноҳияи Ҷ.Расулов, деҳаи Деҳмой | 50 000 |
| 46 | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Н.Хусрав, хонаи 6 | 50 000 |
| 47 | Бинои мағозаи ҶСК «Табак» | ш.Панҷакент, кӯчаи К.Маркс 112 | 30 000 |
| 48 | Бинои мағозаи ҶСК «Табак» | ш.Панҷакент, кӯчаи К.Маркс 112 | 50 000 |
| 49 | Бинои ҳаммоми (сауна) ҶСК «Табак» | ш.Панҷакент, кӯчаи Худойбердиев 3 | 60 000 |
| 50 | Бинои ошхонаи ҶСК «Мостоспецстрой» | ноҳияи Рашт, деҳаи Сари Пул | 10 000 |
| 51 | Бинои ошхонаи тобистонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, маҳаллаи истиқоматии №15 | 25 000 |
| 52 | Бинои ошхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, маҳаллаи истиқоматии №15 | 35 000 |
| 53 | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Носири Хусрав, хонаи 7 | 50 000 |
| 54 | Бинои меҳмонхонаи ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э.Ниёзов | 50 000 |
| 55 | Бинои ошхонаи ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э.Ниёзов | 30 000 |
| 56 | Бинои қаҳвахонаи ҶСК «Шарбат» | ш.Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 100 000 |
| 57 | Дегхонаи маҳаллаи 18, КФ «Шабакаҳои гармидиҳии ш.Хуҷанд», КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ш.Хуҷанд, кӯчаи 50-солагии СССР | 500 000 |
| 58 | Анбори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 147 | 14 000 |
| 59 | Бино ва иншооти сехи истеҳсоли кислороди Корхонаи давлатии «Востокредмет» | ш.Чкаловск, кӯчаи Гурянов | 300 000 |
| 60 | Гастрономи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 50 000 |
| 61 | Нонвойхонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 50 000 |
| 62 | Мағозаи молҳои арзони ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 25 000 |
| 63 | Анборҳои маҳсулотнигоҳдории ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 25 000 |
| 64 | Мағозаи китобҳо дар хонаи №9, ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 25 000 |
| 65 | Мағоза бо тагхонааш дар хонаи №11, ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 50 000 |
| 66 | Анбори нонвойхонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 25 000 |
| 67 | Кинотеатри тобистонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 100 000 |
| 68 | Мағозаи нони ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 50 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад

Ҷои баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, тел: 92-796-40-16.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати 10[00]** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон WWW.GKI. TJ гирифтан мумкин аст.**

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**24 февраля 2012 года проводит аукцион № 3 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание спортивного комплекса ОАО «Сурхоб» | г. Душанбе, ул. Сурхоб 5 | 10 000 |
| 2 | Здание магазина с пристройкой ОАО «Сирандуд» | г. Худжанд, 3-й микр., промзона | 60 000 |
| 3 | Здание столовой ОАО «Сирандуд» | г.Худжанд, 3-й микр., промзона | 65 000 |
| 4 | Здание столовой ОАО «Панҷкӯл» | г. Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 30 000 |
| 5 | Здание лепешечной ОАО «Панҷкӯл» | г. Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 5 000 |
| 6 | Здание клуба ОАО «Панҷкӯл» | г. Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 50 000 |
| 7 | Здание хлебного магазина ОАО «Заводи хишти Панҷакент» | г. Пенджикент, Сельский джамоат Халифа Хасан, село Куштеппа | 10 000 |
| 8 | Здание клуба ОАО «Душанбинский КСМ» | г. Душанбе, пр. Рудаки 201 | 50 000 |
| 9 | Здание клуба – столовой ОАО «Хуҷандатлас» | г. Худжанд, 17-й микрорайон | 134 000 |
| 10 | Сооружение из металлоконструкций УКА-1 мс и УК – 2КМИ1-РКЗ, АООТ «Ремонтно-механический завод» | г. Вахдат, городок Бостон | 200 000 |
| 11 | Здание центрального склада подсобного хозяйства ГАХК «Барқи Тоҷик» | г. Нурек | 100 000 |
| 12 | Здание склада лесного хозяйства города Вахдат, Государственного предприятия лесного хозяйства и охоты | г. Вахдат, Сельский джамоат Н. Розик, село Н. Хусрав | 50 000 |
| 13 | Объекты ГУП «Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва мониторинг», Служба связи при Правительстве Республики Таджикистан | г. Душанбе, ул. Н. Ганджави 55 | 52 000 |
| 14 | Здание проволочного цеха ОАО «Хосилот» | район Рудаки, пос. Бурёбоф | 15 000 |
| 15 | Здание склада ОАО «Хосилот» | район Рудаки, пос. Бурёбоф | 15 000 |
| 16 | Две теплицы ОАО «Хосилот» | район Рудаки, пос. Бурёбоф | 20 000 |
| 17 | Автогараж ОАО «Хосилот» | район Рудаки, пос. Бурёбоф | 15 000 |
| 18 | Сауна ОАО «Монолитстрой» | г. Душанбе, ул. Чортеппа | 15 000 |
| 19 | Здание столовой ОАО «Сарой-Камар» | Хатлонская область, Пянджский район, ул.50-солагии Қӯшунҳои сарҳадӣ 16 | 35 000 |
| 20 | Здание бани ОАО «Сарой – Камар» | Хатлонская область, Пянджский район, ул. 50-солагии Қӯшунҳои сарҳадӣ 16 | 10 000 |
| 21 | Здание столовой ОАО «Соҳибкор» | Гиссарский район, х-во Калинина. ул. Комсомол | 10 000 |
| 22 | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, городок имени С. Исоева, ул. Советская | 35 000 |
| 23 | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, Сельский джамоат «Навобод» | 20 000 |
| 24 | Клуб ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, городок имени С. Исоева, ул. Советская 36 | 120 000 |
| 25 | Павилон – столовая ОАО «Сомгор» | Б. Гафуровский район, Сельский джамоат Холматов | 50 000 |
| 26 | Склад ОАО «МНА – 52» | г. Куляб, маҳ. Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 27 | Столовая ОАО «Заводи хишти Сарбанд» (ныне ОАО «Масаррат») | г. Сарбанд, ул. Табакчи | 30 000 |
| 28 | Здание столовой Открытого акционерного общества «Шахринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Боғистон | 20 000 |
| 29 | Здание чайханы Открытого акционерного общества «Шахринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Боғистон | 80 000 |
| 30 | Здание столовой Открытого акционерного общества «Спец АТП-1» | район Рудаки, Сельский джамоат Гулистон, поселок Дарёобод | 30 000 |
| 31 | Ларёк дехканского хозяйства «Кухдоман» | Файзабадский район | 10 000 |
| 32 | Часть основных средств ГУП «Экспедитсияи наклиётии минтақаи Ҳисор» | Сельский джамоат Зайнабобод, район Рудаки | 300 000 |
| 33 | Здание летнего кинотеатра «Космос», Государственного унитарного предприятия кино и видео «Точиккино» | Хатлонская область, район Дж.Руми, пос. имени С.Исоева | 20 000 |
| 34 | Здание столовой ОАО «СРСУ Ура-тюбе Спецремстройтрест» | г.Истаравшан, ул.Гагарина 78 | 50 000 |
| 35 | Здание лепешечной ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район, ул. Совети | 30 000 |
| 36 | Рынок ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район, ул. Совети 1 | 70 000 |
| 37 | Здание столовой ОАО «Косимҷон» | Айнинский район», городок Айни 1 | 5 000 |
| 38 | Здание столовой ОАО «Бахтиёр» | Бохтарский район, ул. Ҳақназари Кабуд | 50 000 |
| 39 | Здание чайханы ОАО «Шарбат» | г. Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 60 000 |
| 40 | Здание столовой ОАО «Хоҷа Мӯъмин» | Восейский район, Сельский джамоат Тугарак, поселок Ибрат | 15 000 |
| 41 | Здание магазина ОАО «Хоҷа Мӯъмин» | Восейский район, Сельский джамоат Тугарак, поселок Ибрат | 5 000 |
| 42 | Здание столовой ОАО «Кимиёрӯзгор» | г. Душанбе, пр. Рудаки 205 | 50 000 |
| 43 | Здание чайханы-столовой ОАО «Темурмалик» | г. Кайракум, ул. Ленина 10 | 50 000 |
| 44 | Здание чайханы ОАО «Темурмалик» | г. Кайракум, ул. Ленина 10 | 40 000 |
| 45 | Здание столовой ОАО «Паррандапарвар – 2» | Дж. Расуловский район, поселок Дехмой | 50 000 |
| 46 | Здание чайханы «Пахтаи Шахритус» | Шахритусский район, ул.Носири Хусрав, дом 6 | 50 000 |
| 47 | Здание магазина ОАО «Табак» | г. Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 30 000 |
| 48 | Здание столовой ОАО «Табак» | г. Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 50 000 |
| 49 | Здание сауны ОАО «Табак» | г. Пенджикент, ул. Худойбердиева 3 | 60 000 |
| 50 | Здание столовой ОАО «Мотоспецстрой» | Раштский район, село Сари Пул | 10 000 |
| 51 | Здание летней столовой ОАО «Пахтаи Шаҳритус» | Шахритусский район, микрорайон №15 | 25 000 |
| 52 | Здание столовой ОАО «Пахтаи Шаҳритус» | Шахритусский район, микрорайон №15 | 35 000 |
| 53 | Здание чайханы «Пахтаи Шаҳритус» | Шахритусский район, ул. Носири Хусрав, дом 7 | 50 000 |
| 54 | Здание гостиницы ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, Сельский джамоат Э. Ниёзов | 50 000 |
| 55 | Здание столовой ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, Сельский джамоат Э. Ниёзов | 30 000 |
| 56 | Здание кафе ОАО «Шарбат» | г. Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 100 000 |
| 57 | Котельная в махале 18 Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | г. Худжанд, ул. 50 лет СССР | 500 000 |
| 58 | Склад Государственного университета Худжанда, имени академика Б. Гафурова | г. Худжанд, ул. Гагарина 147 | 14 000 |
| 59 | Здание и сооружения кислородного цеха ГП «Востокредмет» | г. Чкаловск, ул. Гурянова | 300 000 |
| 60 | Гастроном ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 2 | 50 000 |
| 61 | Лепешечная ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 2 | 50 000 |
| 62 | Комиссионный магазин ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 2 | 25 000 |
| 63 | Склады для хранения материалов ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 2 | 25 000 |
| 64 | Книжный магазин в доме №9 ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 1 | 25 000 |
| 65 | Магазин с подвалом в доме №11 ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 1 | 50 000 |
| 66 | Склад лепешечной ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 1 | 25 000 |
| 67 | Летный кинотеатр ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 1 | 100 000 |
| 68 | Хлебный магазин ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, махалла Зарафшон 1 | 50 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44. Метод проведения: **английский**. Время проведения: **10[00] часов.**

Место проведения: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, г. Худжанд, ул. Ленина 47, тел: 92-796-40-16.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в касссу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, а также на сайте Государственного комитета по инвестициями и управлению государственным имуществом РТ WWW**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Розиқов Умаралӣ Имомқулович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0001771 бо РЯМ 0430000194 ва РМА 195145923 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 июли соли 2009 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Истиқлол», воқеъ дар ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0138023 бо РЯМ 3010000758 ва РМА 300005125 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон 29 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ТАСҲЕҲ

Дар эълони КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба озмуни №2 оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ, ки баргузориаш ба 27 январи соли 2012 таъин шудааст («Садои мардум», №4 (2831) аз 7 январи соли 2012), нархи ибтидоии объекти иҷора марбут ба Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологияи Тоҷикистон 5600 сомонӣ хонда шавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашудаи силсилаи U01 №002511-и бо РЯМ 0110005005 ва РМА 010017860-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Душанбе 31 августи соли 2010 ба ҶДММ «Ибн Синомед» додааст, эътибор надорад.

***

Патенти № 0198614 бо РЯМ 125639501 ва РМА 0330145475-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 27 сентябри соли 2011 ба Гулов Аҳлиддин Салимович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши №Д-200-и гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Саҳбо, хонаи 510-и ноҳияи Роҳи оҳан (ҳоло Исмоили Сомонӣ)-и шаҳри Душанбе 12 июли соли 1973 ба Сафаров Абдуҳалим Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

***

Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин дараҷаи Б № 0104308-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 феврали соли 2006 ба Давлатов Сӯҳроб Айниддинович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № Д – 0015/08-08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2008 ба Насриддинзода Файзиддини Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми гумшуда бо силсилаи АБ, №065891, ки онро МТ МУ № 56, ноҳияи Рӯдакӣ соли 2000-ум ба Рузиев Маҳмадраҷаб Рамазонович додааст, эътибор надорад.

Кормандони Раёсати ҷамъияти «Дониш»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корманди масъули Институти давлат ва ҳуқуқи АИФ Тоҷикистон, раиси Ҷамъияти «Дониш»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҳиров Ф.Т. нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чанданде шагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 23 январи соли 2012, соати 17.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 25998 нусха

Навбатдори шумора
Т. Сафаров

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова